# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Бадалова Башорат Ашуровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии истеҳсоли картошка дар шароити мустақилии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)

Дар замони имрӯза ва оянда яке аз ҳадафи муҳими стратегии давлатро таъмини амнияти озуқавории кишвар, ки унсури он мустақилии озуқаворӣ мебошад, ташкил медиҳад ва амалишавии он ба соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Суғд яке аз самтҳои муҳими соҳаи хоҷагии халқ буда, аҳолии вилоят ва мамлакатро бо маҳсулотҳои асосии ғизоии аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намуда, барои саноат ашъёи хом пешниҳод менамояд. Бояд ёдовар шавем, ки яке аз самтҳои муҳими соҳаи кишоварзии вилоятро картошкапарварӣ ташкил медиҳад. Соҳаи картошкапарварӣ яке аз ҷузъи асосии соҳаи кишоварзии вилоят буда, нақши он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ, таъмини аҳолии деҳот бо кори доимӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум калон мебошад. Рушди ин соҳа, рақобатпазирӣ, пурра қонъе намудани аҳолии кишвар бо картошкаи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба содирот баровардани он талаботи замона буда, амалӣ намудани ин масъала бо мустақилии озуқавории соҳаи картошкапарварӣ алоқаманд мебошад. Бинобар ин омӯзиш ва таҳлил кардани он масъалаи муҳимтар арзёбӣ мегардад.

Дар диссертатсия масъалаи мукаммалгардонии истеҳсоли картошка дар шароити мустақилии озуқаворӣ ҳамчун масъалаи мубрам ва муҳими илми иқтисодиёт баррасӣ шудааст. Мустақилии озуқавории соҳаи картошкапарварӣ на танҳо имконияти рушд, мустаҳкам намудани

устувории иқтисодии ин соҳа, таъмини ҳаёти солими аҳолии вилоят ва мамлакатро таъмин менамояд, балки алоқамандии воридоти ин намуди маҳсулотро аз хориҷи кишвар кам намуда, мутадилии ҳолати озуқаворӣ дар кишвар ва пешгирӣ намудани пайдоиши бӯҳрони озуқавориро низ таъмин мекунад.

Муаллиф қайд менамояд, ки мустақилии озуқавории соҳаи картошкапарварӣ ин шароити таъмини аҳолии мамлакат бо картошкаи хушсифати ватанӣ, ки дар асоси талаботи миёнаи сарикасии аҳолӣ, бо назардошти тақсимоти аҳолӣ аз рӯи синну сол, ҷинс, шароити меҳнат, иқлим, инчунин дигар хусусиятҳои ин зироат буда, дар ҳаҷме, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ кифоя буда, барои ба содирот баровадани он шароит муҳайё мегардад ва ташкили захираҳои эҳтиётии зарурӣ, мебошад.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки мустақилияти озуқаворӣ дар соҳаи картошкапарварӣ бо ҳалли масъалаҳои зерин алоқаманд аст: таъмини аҳолӣ бо картошкаи аз ҷиҳати экологӣ тоза, ки картошкаи воридшавандаро иваз менамоянд; баланд бардоштани рақобатнокии картошка ва ба содирот баровардани он; таъмини ҳаёти солими аҳолии мамлакат; баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ; таъмини аҳолии деҳот бо кори доимӣ.

Дар диссертатсия муаллиф ташкили мустақилии озуқавории соҳаи картошкапарвариро дар вилояти Суғд пешниҳод намудааст, ки вай боиси дастгирӣ мебошад. Инчунин вай равияҳои асосии ташкили мустақилияти озуқавории соҳаи картошкапарварӣ дар вилояти Суғдро нишон додааст, ки ба вай инҳо: рушди бефосилаи ҳосилнокии картошка бо назардошти махсусгардонии истеҳсоли картошкаи таъиноти гуногун (озуқаворӣ, картошка барои коркард, картошкаи тухмӣ); ташкили анборҳои (сардхонаҳои) муосири нигоҳдории картошка; таъмин намудани соҳаи картошкапарварӣ бо таҷҳизоти технологии замонавӣ; ташкил кардани сехҳои коркарди аввалини картошка;

мукаммалгардонии низоми фурӯши картошка дар асоси тадқиқотҳои маркетингӣ, ташаккули бозорҳои фурӯши яклухт ва чакана; ҷалби сармоя дохил мешаванд ва онҳо имконияти ба роҳ мондани яккатор табдилдиҳиҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, баланд бардории сатҳи интенсивнокӣ, беҳтар кардани сифати картошка ва дар охир зиёд шудани рақобатпазирии онро таъмин менамоянд.

Ногуфта намонад, ки дар диссертатсия омилҳо ва меъёрҳои мустақилияти озуқаворӣи соҳаи картошкапарварӣ дар вилояти Суғд нишон дода шудааст, ки онҳо ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолии вилоят ва мамлакат бо картошкаи аз ҷиҳати экологӣ тозаи истеҳсоли ватанӣ бо андозаи меъёрҳои муносиби истеъмоли он, ба рақобатпазири картошка ва ба содирот баровардани ин намуди маҳсулоти кишоварзӣ оварда мерасонад ва рушди соҳаи картошкапарвариро дар шароити мустақилии озуқаворӣ таъмин мекунад.

Унвонҷӯ ҳолати имрӯзаи соҳаи картошкапарварии вилоятро мавриди омӯзиш қарор дода, дар асоси он самаранокии иқтисодии рушди соҳаи картошкапарварӣ дар шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ вилояти Суғдро муайян намуда, аз рӯи нишондиҳандаҳои фоида аз фурӯши картошка, даромаднокии картошка аз ҳосилнокии он, даромаднокии картошка аз масоҳати кишти картошка, ҳосилнокӣ ва фурӯши картошка аз маҷмӯи омилҳо муодилаҳои алоқамандии онҳоро сохта, зичии алоқамандии онҳо муайян кардааст.

Дар кори диссертатсионӣ унвонҷӯ дар раванди муайян кардани сатҳи мустақилияти озуқаворӣ дар соҳаи картошкапарварӣ пешниҳод намудааст, ки ба ғайр аз меъёрҳои умумӣ боз меъёрҳои мухсус ҳаҷми воқеии талаботи истеъмолкунандагон (интихоби истеъмолкунандагон, гурӯҳи синну соли истеъмолкунандагон, вобастагии қобилияти харидории аҳолӣ аз нархи хӯрокворӣ, меъёрҳои тиббии истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ, имконияти овардани маҳсулот бо баҳисобгирии ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, талафот ҳангоми интиқоли махсулот, нигоҳдорӣ,

коркард, ҳаҷми маҳсулот, маҳсулоти барои истеъмол номувофиқ ва ғайра) ва ҳаҷми воқеии истеҳсоли картошка, ки барои истеъмол ва фурӯш тайёр истифода карда шавад ва ин сатҳро ба чор гурӯҳ тақсим намудааст.

Дар диссертатсия бо истифодаи усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ барои муайянкунии андозаи оптималии истеҳсол ва фурӯши картошка дар шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ вилояти Суғд модели иқтисодӣ-риёзии истеҳсол ва фурӯши картошка ва ташкили кластерҳои соҳаи картошкапарварӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сохтааст.

Муаллиф ташкили кластерҳои соҳаи картошкапарварӣ дар ноҳияҳо ва вилояти Суғд барои истифода пешниҳод карда шудааст, ки онҳо барои таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи картошкапарварӣ ва таъминоти аҳолии вилоят ва кишвар бо картошкаи истеҳсоли ватанӣ аҳамияти муҳим дорад. Татбиқи амалии кластерҳои соҳаи картошкапарварӣ шакли махсуси кооператсия ва интегратсия буда, бартарии он нишон дода шудааст. Кластери соҳаи картошкапарварӣ ҳамчун системаи иқтисодӣ шахси ҳуқуқӣ набуда, махсусияти идоракунии кластерӣ хос аст, ки ба он якчанд хоҷагиҳо ва шаҳру ноҳияҳои картошкапарварӣ дохил мешаванд.

Аз ин лиҳоз, унвонҷӯ бо назардошти таҳқиқоту хулосабарориҳои асосноки худ пешниҳод менамояд, ки дар вилояти Суғд бо мақсади рушди соҳаи картошкапарварӣ ташкили мустақилии озуқаворӣ ва кластерҳои соҳаи картошкапарварӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Натиҷагириҳои ин раванд аз тарафи унвонҷӯ нишон дода шудаанд ва ин гуфтаҳо боэътимоду боварибахшанд. Зеро маълумоту иттилооти ин диссертатсия дар асоси ҳисоботи омории расман эътирофшудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар, ҳисоботҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқотҳои монографии олимони ватанию хориҷӣ, инчунин маводҳои сайтҳои дар ин самт таҳлил шудаи Интернета оварда

шудаанд.

Тавсияву хулосабарориҳои диссертатсия дар асоси самараи меҳнати олимони тоҷику рус ва берунмарзӣ бароварда шудааст, ки онҳо имрӯзҳо татбиқ шуда истодаанд.

Натиҷаҳои кори илмӣ-тадқиқотии муаллиф аз тарафи мутахассисони пешбар ва пуртаҷриба дар КАС Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни муҳокима, аз ҷумла дар идоракунии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд мусби арзёбӣ шудааст.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти марбути кори диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои гуногун, аз ҷумла 5 мақола дар нашриёти аз ҷониби Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, нашр шудаанд.

Диссертатсияи Бадалова Башорат Ашӯровна дар мавзуи "Мукаммалгардонии истеҳсоли картошка дар шароити мустақилии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Суғд)" мутобиқ ба талаботи муқарраршуда дар сатҳи зарури тарҳрезӣ гардида, роҳҳои ҳалли масъалаҳои он хеле хуб нишон дода шудааст ва дар маҷмуъ диссертатсия мазмуни томро ташкил медиҳад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботҳои ВАК назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ба диссертатсия (диссертатсияҳо)-и аз рӯйи ихтисоси 08.00.05: Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) мувофиқат мекунад ва онро мавриди муҳокимаи умум тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ, н.и.и., дотсенти
кафедраи технологияи иттилоотӣ дар КАС-и
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Маликов И.О.